# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии **Абдуллоҷони Ҳамрохон** дар мавзуи «**Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, пешниҳод шудааст

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 05 марти соли 2025, №13.3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллоҷони Ҳамрохон»**

Диссертатсияи **Абдуллоҷони Ҳамрохон** дар мавзуи «**Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз **аз 20 ноябри соли 2024**, №13.1 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Абдуллоҷони Ҳамрохон соли 2012 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси “Тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифоӣ ҳарбӣ” дохил шуда, онро соли 2017 хатм кардааст (диплом №ДТО №0208062).

Абдуллоҷони Ҳамрохон бо фармоиши №123 аз 30.12.2017 ба таълими рӯзонаи зинаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дохил гардида, онро бо фармоиши №272 аз 30.12.2020 хатм намудааст.

Фаъолияти кории худро аз соли 01.09.2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он шуруъ карда, аз 01.11.2018 бо тариқи гузариш ба ҳайси ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика гузаштааст. Аз 01.10.2022 ба вазифаи муаллими калони кафедраи мазкур интихоб гардидаанд.

Абдуллоҷони Ҳамрохон аз 06.05.2024 ба ҳайси иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи мудофиаи граждании ва омодагии дифоӣ ҳарбӣ таъйин гардидааст.

Мавзуи рисолаи номзадии худро аз 29.05.2018, №10/4-9 дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

тасдиқ намуда, зери роҳбарии н.и.п., дотсент Иброҳимов Грез ба фаъоияти илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Бинобар сабаби истеҳсолӣ, яъне иваз гардидани объекти таҳқиқот ба мавзуи илмии худ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 28.10.2022, №3/4-15 тағйирот ворид кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 14 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз он 5-то мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ташкил додаанд.

Абдуллоҷони Ҳамрохон муҳокимаи рисолаи илмии худро дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика аз 26.01.2024, №6 гузаронида аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллоҷони Ҳамрохон имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 01.02.2019 бо баҳои хуб, аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи 15.01.2020 бо баҳои хуб ва Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот санаи 07.04 2022 бо баҳои аъло супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 20.05.2022, №2 додааст.

Шурои диссертатсонӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 18 декабри соли 2024, суратҷаласаи №13.2. диссертатсияро барои ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба ҳимояи рисола ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бахши «Шурои диссертатсионӣ» дар зерсаҳифаи эълонҳо аз 21-уми декабри соли 2024 ва дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми январи соли 2025 ҷойгир карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи феҳрист 31 январи соли 2025 ирсол гардидааст.

Диссертатсия ва автореферати он аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матнҳо мутаносибан ба 75,07% (бо назардошти иқтибосҳо 81,85%) ва 82,58% (бо назардошти иқтибосҳо 87,77%)-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шуда, дар парвандаи аттестатсионии ӯ маҳфузанд.

**Роҳбари илмӣ: Иброҳимов Грез** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва му**қаризони расмӣ: Давлатзода Ҷамила**, доктори илмҳои педагогӣ, директори муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор" ва **Намозов Тошқул Буриевич**, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ба диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов ба диссертатсияи **Абдуллоҷони Ҳамрохон** тақризи дода, онро бо имзоҳои раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психология Разоқов Хуршед, ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психология Файзуллозода Ҳусейн ва котиби ҷаласа Ятимов Бахтиёр бо суратҷаласаи №07 аз 18.02.2025 таҳия шуда, аз ҷониби ректори муассиса Иброҳимзода Амир Мудин аз 20.02.2025 тасдиқ карда шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Аз тақризи муассисаи пешбар бармеояд, ки дар рисола дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажуҳишоти оянда хоҳад буд:

1. Муаллифи рисолаи илмӣ дар таҳқиқот давраи ниҳоят фарроҳро хонандагони синфи 1 то 11 кор кардааст, беҳтар мегардид як давраи муайянро интихоб мекард.

2. Ихтисороти калимаҳо дар диссертатсия ниҳоят зиёд аст ба монанди (ТҶ, ОДҲ, МТМУ, ТҲВ), хубтар мегардид, ки пурра навишта мешуданд.

3. Дар диссертатсия ва автореферати он баъзе хатогиҳои имлогӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд мекунанд, ки эродҳои дарҷшуда, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонида, баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Диссертант метавонад ин эродҳоро дар таҳқиқоти минбаъда барои боз ҳам пурратар ва васеътар фаро гирифтани таҳқиқ ба кор барад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи

ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**5 номгӯйи мақолаҳои илмии** зерини довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Мафҳум ва вазифаҳои фанни ТҶ дар рушди иҷтимоию фарҳангии ҷомеаи муосир/Абдуллоҷони Ҳ.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2018, № 5/3 (228)- Саҳ. 83-88.

[2-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Омилҳои баланд бардоштани самаранокии ТҶ-и хонандагони муассисаи таълимӣ/Абдуллоҷони Ҳ.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2018; № 6 /2 (224)- Саҳ. 78-83;

[3-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Ҷанбаҳои эҷодии омодасозии шахсияти омӯзгорони ояндаи ТҶ -и бо ёрии машғулияти ТҶ -и хонандагон/Абдуллоҷони Ҳ.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2018, № 7/5 (209) –Саҳ. 78-85;

[4-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Тарбияи харбӣ-ватандӯстии хонандагон ҳамчун мақсади стратегии ҷомеа дар тайёр кардани мутахассисони ҷавон/Абдуллоҷони Ҳ.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019, № 9/5 (209) –Саҳ. 65-69;

[5-М]- Абдуллоҷони Ҳ. Тайёр кардани мутахассисони ҷавон бо максади ба роҳ мондани тарбияи харбӣ-ватандӯстии хонандагон дар МТМУ/Абдуллоҷони Ҳ.//Паёми Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. –Кӯлоб, 2023, № 3 (32)- Саҳ. 108-116.

[6-М]- Иброҳимов Г., Ҳамрохон, А. Технологияи рушди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ/ Г. Иброҳимов, Абдуллоҷони Ҳамрохон // Паёми Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. –Кӯлоб, 2024, №2 (35)- С. 19-26;

**Ба автореферати диссертатсия 5 тақриз аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

1. Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Сатторов Абдурасул Эшбекович;
2. Доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода Мирзо Бадал;
3. Муовини директор оид ба илм, захираҳои иттилоотӣ ва хизматрасонӣ ба истифодабарандагони Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, Камолзода Сайфуддин;

4. Мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, Файзалиев Ҷурахон Ҷумаевич;

5. Мудири кафедраи технологияи барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, номзади илмҳои педагогӣ, и.в., дотсент, Шарипов Бегиҷон Рамазонович.

Ҳамаи 5 нафар муқарризони автореферати **Абдуллоҷони Ҳамрохон** дар тақризи худ мубрамии таҳқиқот ва арзиши илмии онро тасдиқ намудаанд.

Ҳамзамон, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, Файзалиев Ҷурахон Ҷумаевич қайд кардааст, ки дар автореферати рисолаи илмӣ гарчанде, ки нақши волидайн зикр шудааст, вале тарзи мушаххаси ҷалби онҳо дар раванди тарбияи ҷисмонӣ ва ватандӯстӣ ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст. Инчунин, нақши дигар аъзои ҷомеа: пиронсолон, собиқадорон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ) дар ин раванд ба эътибор гирифта нашудааст.

Доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода Мирзо Бадал дар тақризи худ қайд менамояд, ки автореферати рисолаи илмӣ бо забони илмӣ ва мувофиқи талаботи муайянгардида навишта шуда, дар баъзе ҷойҳо хатоҳои услубӣ ба назар мерасад. Барои мисол дар саҳифаҳои 3 ва 13 вариантҳои тоҷикӣ ва русии автореферат ба ҷойи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солона ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солона ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳарду муқарризоне, ки дар тақризҳои худ барои автореферати рисолаи илмии Абдуллоҷони Ҳамрохон эродҳо низ ҷой додаанд, қайд кардаанд, ки эродҳои дарҷшуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста карда наметавонад.

Ҳамин тавр, дар асоси 5 тақризи озоди пешниҳодгардида, маълум гардид, ки автореферати диссертатсияи **Абдуллоҷони Ҳамрохон** дар мавзуи «**Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002, аз 18 декабри соли 2024, №13.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаби дараҷаи илмӣ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- муҳимтарин самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муайян карда шуданд;
- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон муайян карда шуд;
- афкори муайяни педагогии олимон оид ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон омӯхта шуда, роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир муайян карда шуд;
- самтҳои асосии фаъолияти муштараки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бо хурдсолон ва калонсолон дар раванди таълим муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ;
- механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон дар МТМУ;
- афкори муайяни педагогии олимон марбут ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон;
- нақши омӯзгорони ТҶ дар ташаккули ТҲВ-и хонандагони МТМУ.
- роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии таҳқиқотро таълимоти мутақобилаи илмӣ, методӣ ва умумибашарӣ, нишондодҳои фалсафию педагогӣ, бо ҳам алоқаманд будани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва бо ҳам тавъам будани назария ва амалия, инчунин, дар вақти таҳқиқот ба ҳисоб гирифтани таҷрибаи таърихи инсоният ҳангоми дарк намудани вазифаҳои мубраму муҳимми замони муосир ташкил медиҳад. Дар вақти гузаронидани таҳқиқот асосҳои назариявии Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «Барномаи маҷмуии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2017-2021», «Конссепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳури Тоҷикистон», Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва монанд ба инҳо ба роҳбарӣ гирифта шуданд.

Натиҷаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ метавонад, барои тайёр намудани хонандагони МТМУ дар руҳияи тарзи ҳаёти солим ва тайёр будан ба хизмати Модар-Ватан, халқу миллати хеш ва дигар халқияту миллатҳои маскуни Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои дар руҳияи ватандӯстиву дифои Ватан тарбия гардидани хонандагони МТМУ тавассути дуруст ба роҳ мондани кори ТҶ маводи арзишманде ба ҳисоб меравад.

Маводи таҳқиқот барои омӯзгорон, мутахассисони соҳаи педагогикаву психология, донишҷӯёни донишгоҳу коллеҷҳои омӯзгорӣ муфид буда, метавонад дар донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва амсоли инҳо истифода шавад.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таҳияи маводи дарсҳои назариявӣ ва амалии сикли фанҳои Тарбияи Ҷисмони (методикаи таълими фанни тарбияи ҷимонӣ, баланд бардоштани маҳорати варзишӣ, варзиши сабук ва ғ.) истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Асоси эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таҳия ва нашр намудани мақолаҳои илмӣ–амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои мухталиф, дар маҷаллаҳои илмӣ, баромаду маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-амалӣ дар байни омӯзгорон ва донишҷӯёни кафедраҳои педагогика ва психологияи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ташкил медиҳад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар мустақилона навиштани диссертатсия ва иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзуъ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои компютерӣ, таҳлил ва инчунин, дар муҳокимаи натиҷаҳои амсилавии ҳосилшуда ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқот дар диссертатсия инъикос гардида, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои консептуалӣ, математикӣ ва компютерӣ, ки фарогири мудирияти раванди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ буда метавонад, дар рушди тарбияи ҳарбӣ–ватандӯсти хонандагони МТМУ саҳми босазо гузорад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия аҳаммияти амалӣ дошта, ҳангоми ҳалли масъалаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ байни наврасону ҷавонон татбиқи васеи худро ёфта метавонад. Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ тавассути усули амсиласозии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ байни хонандагон таҳия шуда асоснок гардида, тасдиқи худро ёфтаанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсаҳои илмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи милли Тоҷикистон, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, семинарҳои илмии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2018-2024) баромаду баррасӣ гардидаанд. Ҳамчунин муҳтавои рисолаи илмӣ дар 1 монография (Ҷанбаҳои педагогии тарбияи ҷисмонии хонандагон ва тайёр кардани мутахассисони ҷавон ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ (монография)/ Абдуллоҷони Ҳ. – Душанбе: “Матбаа”, 2022.-87с.) ва як дастури илмӣ-таълимӣ (Омодагии муаллимони оияндаи ТҶ бо ТҲВ-и хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дастури илмӣ-таълимӣ) Душанбе, 2020, (иборат аз 100 саҳифа, 6-ҷузъи чопӣ) ба табъ расида аст.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 5-уми марти соли 2025, №13.3 қарор қабул кард, ки ба Абдуллоҷони Ҳамрохон дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 2 нафар докторони илм ва 3 нафар номзадони илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- тарафдори додани дараҷаи илмӣ – 13 нафар;
- муқобили додани дараҷаи илмӣ – нест;
- бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои
педагогӣ, профессор: Иззатова М.И.

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Қурбонова У.Т.

05.03.2025

ҶМ